# 106563 - Оё барои муҳрим ҷоиз аст, ки ғусл кунад ва либоси эҳромро иваз кунад?

**савол**

Оё барои муҳрим (касе, ки дар эҳром аст) ҷоиз аст, ки ба хотири тозагӣ ғусл кунад? Оё ҷоиз аст, ки либоси эҳромро иваз кунад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Барои муҳрим ҷоиз аст, ки ба хотири тозагӣ ғусл кунад, зеро собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳоли эҳром ғусл кардааст. Ҳамчунин барои муҳрим ҷоиз аст, ки либоси эҳромашро ба либоси тозатар ё навтар иваз кунад. Ва инчунин барои ӯ ҷоиз аст, ки аз истифодаи кондитсионер ва дигар василаҳои роҳат баҳра барад". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (22 / 144).